Ба Шурои диссертатсионии **6D.KOA-012** назди
Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон
(734061, Ҷумҳурии Тоҷикистон ш. Душанбе,
кӯчаи Деҳотӣ, 1/2)

**ТАҚРИЗ**

**ба автореферати диссертатсияи Гулов Искандар Хасанович дар мавзуи «Такмилдиҳии сиёсати иҷтимоию меҳнатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои дарёфти дарачаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.12 – Иқтисодиёти меҳнат**

Новобаста аз он, ки Стратегияи милли рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 самтҳои асосии сиёсати иҷтимоию меҳнатиро муайян намудааст ва давлат иҷрои онро зери назорати доимӣ қарор додааст, вале баҳои ҳолати муосири сиёсати иҷтимоию меҳнатӣ барои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва минтақаҳои он ҳалли пурраи худро наёфтаанд. Дар марҳилаи нави рушд дар назди кишвар се вазифаи асосӣ: якум, ноил шудан ба сатҳи рушди иҷтимоию иқтисодии кишварҳои сегменти миёна бо даромади миёнаи муқоисашаванда; дуюм, таъмин намудани рушди устувор ба воситаи диверсификатсия ва баланд бардоштани рақобатпазирии иқтисодиёти миллӣ; сеюм, вусъатдиҳӣ ва таҳким бахшидани табақаи миёна меистад. Диссертасияи мазкур ба таҳқиқи сиёсати иҷтимоию меҳнатӣ бахшида шудааст, ки ҳалли масъалаҳои номбаршударо талқин менамояд.

Дар автореферати диссертатсия ҳолати муосири сиёсати иҷтимоию меҳнатӣ дар Тоҷикистон мавриди таҳқиқот қарор гирифта, қайд карда шудааст, ки дар солҳои истиқлолияти давлатӣ сиёсати иҷтимоию меҳнатӣ тавассути қабули қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ мегардад. Вале, қувваҳои кории истифоданашуда дар иқтисодиёт тамоюли афзоиш дошта, муҳоҷирати меҳнатӣ воситаи асосии таъмини буҷети хонаводаи аҳолӣ гардид.

Муаллиф қайд намудааст, ки музди меҳнати миёнаи як корманд дар Тоҷикистон тамоюли афзоиш дошта бошад ҳам, вале нисбат ба музди миёнаи мамлакатҳои ҳамсоя паст мебошад. Қобилияти харидории арзи миллӣ поён рафта қимати сомонӣ нисбат ба доллари ИМА баъд аз ба муомилот бароварданаш зиёда аз 20 маротиба беқурб гашт. Андозаи нафақаи пиронсолон зиёд гашта бошад ҳам, вале арзиши сабади истеъмолиро намепӯшонад. Бояд дар назар дошт, ки агар дар давоми 10 сол нуфузи аҳолӣ ба ҳисоби миёна дар як сол 2,22% афзоиш ёфта бошад,

пас афзоиши миёнасолонаи нафақахӯрон 2,48 фоизро ташкил медиҳад, ки доир ба тадриҷан пир шудани аҳолӣ гувоҳӣ медиҳад.

Дар давраи зери таҳқиқот қарордошта шумораи мактабҳои таҳсилоти миёна ва олӣ афзуда бошад ҳам, вале қисми зиёди хатмкунандагон бо ҷои кор таъмин карда намешаванд ва сафи бекоронро зиёд менамоянд. «Барномаи рушди илмҳои дақиқи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давраи солҳои 2005-2008» натиҷаҳои дилхоҳ надод.

Дар давраи таҳқиқот нишондиҳандаҳои соҳаи маориф, тандурустӣ, хусусан фавти кӯдакон ва модарон 2 маротиба коҳиш ёфта, дарозумрӣ ба 75,1 сол расид, вале хизматрасонии бепули тиббӣ қариб аз байн рафт.

Шуғли аҳолӣ дар бахши воқеӣ 18,9% ва бахши хизматрасонӣ 22,7% афзуда бошад ҳам, вале зиёда аз 63,0 фоизи онҳое, ки бо кор машғуланд, дар соҳаи кишоварзӣ фаъолият менамоянд, ки сатҳи пасти даромад доранд. Дар вилоят фарқияти даромади хонаводаҳои шахр ва деҳот тамоюли пастравӣ дорад ва дар соли 2021 танҳо 0,6 фоизро ташкил медиҳад.

Таҳқиқоти сотсиологие, ки дар соли 2021 оид ба баланд бардоштани сатҳи ёрии тиббӣ ва дастрасии он дар вилояти Хатлон гузаронида шуд, нишон дод, ки 20 фоизи пурсидашудагон таъминот бо доруҳо, 55% хизматрасонии ёрии таъҷилӣ, 5% хизматрасонии табибон, 63% хизматрасонӣ дар беморхонаро бад баҳо додаанд. Аз ин ҷо ба хулосае омадан мумкин аст, ки ҳанӯз дар муассисаҳои тиббии вилоят масъалаҳои ҳалталаб зиёданд.

Масъалаи ҷиддии деҳот, ин кам будани муассисаҳои таҳсилоти томактабӣ мебошад. Таъмини кӯдакон бо ҷойҳо дар муассисаҳои томактабӣ нисбат ба соли 2015 тамоюли афзоиш дошта бошад ҳам, вале танҳо 2,0% кӯдаконро фаро мегирад.

Нишондиҳандаи дигари баҳои рушди иҷтимоӣ, таъминоти муассисаҳои фарҳангӣ ва фароғатӣ ба ҳисоб меравад. Дар соли 2021 нисбат ба соли 2015 шумораи китобхонаҳо бе тағйир монда, фонди китобҳо 2,1% коҳиш ёфтааст.

Яке аз бандҳои асосии сиёсати иҷтимоию меҳнатӣ таъмин намудани аҳолӣ бо манзил мебошад, зеро масоҳати манзил ба ҳар як сокини вилоят дар давраи солҳои 2015-2021 дар маҷмуъ 9,3%, сокини шахр - 2,1%, деҳот - 11,2% коҳиш ёфт.

Таҳлили гузаронидаи диссертант аз он гувоҳӣ медиҳад, ки соҳаро ҳаматарафа таҳқиқ намуда, барои ҳалли онҳо пешниҳодҳои мушаххас намудааст.

Дар баробари таҳқиқоти илмии худ, муаллиф исбот намудааст, ки ташкили корхонаҳои калони агросаноатӣ, метавонад механизми иҷрои сиёсати иҷтимоию меҳнатӣ гардад, ки мутлақо дуруст аст, зеро хоҷагиҳои хурд имконияти ҳалли масъалаҳои иҷтимоию меҳнатиро надоранд. Агар диссертант, самаранокии иқтисодии ҳамгироии агросаноатиро барои вилояти Хатлон вобаста бо захираҳои мавҷудаи он нишон медод, қиммати илмии диссертатсия баланд мегашт.

Вале, ин камбудии дар автореферат ҷойдошта ҷузъӣ буда, арзишмандии илмӣ ва амалии таҳқиқоти анҷомдодаи муаллифро коҳиш намедиҳанд.

Таҳқиқоти диссертатсионии Гулов Искандар Хасанович дар мавзуи «Такмилдиҳии сиёсати иҷтимоию меҳнатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» ба талаботи «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ», ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ шудааст, ба пуррагӣ ҷавобгӯ буда, муаллифи диссертатсия Гулов Искандар Хасанович сазовори гирифтани дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.12 – Иқтисодиёти меҳнат мебошад.

**Муқарриз:**
**Мудири кафедраи иқтисодиёти байналмилалии Донишгоҳи технологии Тоҷикистон, н.и.и., дотсент** **Азимова М.Т.**

**Имзои н.и.и. дотсент, Азимова М.Т.-ро тасдиқ менамоям.**

**Сардори шуъбаи кадрҳои Донишгоҳи технологии Тоҷикистон** **Бухориев Н.**

**Суроға: 734060,**
**Ҷумҳурии Тоҷикистон,**
**шаҳри Душанбе,**
**кӯчаи Н.Қаробоев, 63/3.**